# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионии 6D. КОА–004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ки аз рӯйи ихтисоси: 08.00.10- Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифобарии захираҳои табиии Тоҷикистон» таҳқиқоти шахсии унвонҷӯй ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ инъикос гардидааст. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои татбиқи механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии сарватҳои табиӣ ҳамчун инъикоси имкониятҳои молиявии рушди давлат, менеҷменти ширкатҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Таваҷҷуҳи илмӣ ба омӯзиш ва мазмуни иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ ба хусусиятҳои хоси механизми идоракунии сиёсати давлатҳо дар шароити муосир ва инчунин равишҳои консептуалии назариявии донишмандону олимони соҳа вобаста мебошад.

Инчунин дар шароити имрӯза дар қабул намудани қарорҳои идоракунӣ мустақилияти нисбии хоҷагидорӣ дода шудааст, ки масъулияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро оид ба натиҷаҳои истифодаи захираҳои табиӣ ва маблағгузории он метавонад самараи хуб дода, рушди босуботи истифодаи сарватҳои табииро таъмин созад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (минбаъд-Низомнома)) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи “Назарияи иқтисодӣ”-и умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия тибқи талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (минбаъд Тартиб) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Он фарогири масъалаҳои вобаста ба як қатор масоили экологию иҷтимоӣ ва технологию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯи ҳисобҳои иқтисодӣ маълум мегардад, ки инсоният ҳамагӣ 10% сарватҳои табииро самаранок истифода бурда, боқимондаро ҳамчун партовҳо хориҷ менамудааст. Дар натиҷа, ифлосшавии бемайлони муҳити табиӣ ба атмосфера бухор гашта, ҳаворо ифлос гардонидани партовҳо, боридани боронҳои кислотавӣ мушоҳида мешаванд, ки ин албатта ҳаёти одамонро зери хатар гузошта, боиси ба ҳаргуна бемориҳо дучор гаштани онҳо мешавад.

Сохтори диссертатсия ба талаботи Низомнома ва Тартиб пурра мувофиқ аст.

Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

4. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.10– Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, таҳти №350 (бо тағйиру иловаҳо аз 28 феврал соли 2023, таҳти № 45/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябр соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот

натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиб ҷавобгу мебошад.

6. Дар таҳқиқоти илмии Абдулов Дилшод Назарович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиб гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Абдулов Дилшод Назарович маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд нест.

8. Комиссияи ташхис дар асоси талаботи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомнома, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи **«Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

- Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ ба диссертатсия муқарризони расмӣ дар ҳайати мутахассисони зерин таъин карда шаванд:

- Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович-доктори илмҳои география, профессор, профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризми Донишгохи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

- Урунбаева Нигина Абдумухторовна-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

- ба ҳайси муассисаи пешбар ба диссертатсия Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи донишгоҳ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Низамова Т.Д.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Обидов Ф.С.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Шамсов И.С.